**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**Насриддинзода Э.С.**
**_______________________**
**“18” марти 2024 с.**

**ХУЛОСАИ**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба рисолаи номзадии Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаҳои дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Муаммоҳои такмили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии граждани, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои инкишофи назария ва такмили амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, тақвияти ҳокимияти судӣ, самаранокии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигар оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

Унвонҷӯ зимни пажуҳиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур аз зарурият ва аҳаммияти он ишора намуда, мазмунан иброз медорад, ки яке аз

масъалаҳои муҳимми назария ва амалияи ҳуқуқиро дар мурофиаи ҷиноятӣ кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Дар заминаи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ маънидод гардида, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Имрӯз ҳар давлате, ки худро соҳибистиқлолу соҳибихтиёр эълон намудааст, баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд ҳама чораҳои заруриро андешад. Яке аз роҳҳои асосии амалигардонии ҳуқуқи инсон дар ҶТ меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор меравад. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ принсипҳои зиёд пешбинӣ шудааст, ки яке аз онҳо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ принсипҳои зиёдеро муқаррар намудааст, вале принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мақому манзалати махсусро доро мебошад. Аз ин рӯ, принсипи мазкур дар бисёре аз санадҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба таври возеҳу равшан инъикос гардидааст. Дар Конститутсияи ҶТ эҳтимолияти бегуноҳӣ дар боби дуюми он «ҳуқуқ озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» пешбинӣ гардида, мақсаду моҳияти он баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст. Мутобиқи моддаи 20-и Конститутсия «ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор root дониста намешавад». Принсипи мазкурро ба назар гирифта шахсони пешбарандаи таъқиботи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш, таҳкиқбаранда бояд ҳамаҷониба, холисона ва пурра ҳолатҳои корро омӯзанд. Зеро, ҳангоми ба эътибор нагирифтани принсипи мазкур ҳаёти инсон зери хатар монда, эҳтимоли аз озодӣ маҳрум гардидани шахс ба миён меояд. Эҳтимолияти бегуноҳӣ мавқеи шахсро аз лаҳзаи дастгир шудан то замони баромадани ҳукм аз ҷониби суд ҳамчун бегуноҳ нигоҳ медорад.

Имрӯз ҳар давлате, ки роҳ ба сӯи давлати соҳибихтиёру мустақил ва демокративу ҳуқуқбунёдро касб намудааст таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар мадди аввал мегузорад ва кафили ҳуқуқу озодиҳояш ҳамчун арзиши олӣ ба ҳисоб меравад. Бешак, принсипи мазкурро Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ низ ҳамаҷониба муқаррар намудааст ва яке аз бандҳои он ин аст, ки айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд, вале ин маънои онро надорад, ки айбдоршаванда ва судшаванда барои бегуноҳии худро исбот намудан аз ҳуқуқи иштирок дар ҷараёни исботкунӣ маҳрум мебошад. Шахсони зикргардида дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ метавонанд ҳама роҳу воситаҳое, ки қонун иҷозат додааст истифода бурда, бегуноҳии худро исбот намоянд. Мутобиқи принсипи мазкур аз ҷониби муфаттиш эълон намудани айб ва аз ҷониби прокурор тасдиқ гардидани фикри айбдоркунӣ низ ҳанӯз маънои онро надорад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор аст. Воқеан, атрофи мушкилиҳову масъалаҳои принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ баҳси

доманадор аст ва дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи мазкур андешаҳои мухталиф ҷой доранд.

Албатта мақсади принсипи мазкур ба амал баровардани адолати судӣ ва поймол нагардидани ҳуқуқи инсон мебошад бо ин назардошт як қатор талаботҳо ҳаст, ки бояд онҳо сарфи назар карда нашаванд. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд муваззаф гардонида шудаанд, то ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои заруриро андешанд; бинобар сабаби оне ки шахс ҳанӯз гунаҳгор нест, дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бояд нисбат ба ӯ муносибати инсондӯстона ба роҳ монда шавад. Яъне муносибат бояд ҳамчун шахси бегуноҳ ба миён гузошта шавад; ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳои сафедкунанда, сабуккунанда ва вазнинкунанда муқаррар карда шаванд; аз ҷониби шахс пешниҳод нагардидани далел боиси гунаҳгор донистани ӯ намегардад; уҳдадории исботи айб ба зиммаи тарафи айбдоркунанда вогузор карда шудааст; ҳукми айбдоркунӣ набояд бо тахмин ва шубҳаҳо баровардa шавад, чунки ҳангоми тахмин намудан ва пайдо гардидани шубҳа, эҳтимоли бегуноҳ аз озодӣ маҳрум гардидани шахс ба миён меояд. Ин меъёрро Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ низ дар худ таҷассум гардонидааст, ки ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок намудан мумкин нест ва ҳама гуна шубҳаҳое, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бартараф карда намешаванд ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешаванд.

Дар хусуси муносибат бо гумонбаршуда муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор бояд хеле бодиққат бошанд ва бо шахси дастгиршуда ҳамчун шахси бегуноҳ муносибат намоянд, зеро гумонбар будану айбдор намудани ӯ ҳанӯз маънои гунаҳгор будани шахсро нишон намедиҳад то он даме ки ҳукми суд оиди гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд.

Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Ҳарчанд онҳо вобаста ба масъалаи мазкур то қадри имкон тадқиқотҳои заруриро анҷом додаанд, вале бояд зикр намуд, ки ҳанӯз баъзе мушкилоте ҷой дорад, ки тадқиқоти пурраву ҳамаҷонибаро тақозо менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Вобаста ба рисолаи мазкур унвонҷӯ 2 воситаи таълимӣ, 14 мақолаи илмӣ, ки 4 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ рӯи чоп омадааст ва

инчунин 10 мақолаи дигар дар нашриёҳои дигар ба нашр расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Воситаи таълимӣ:**

1) Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш., Миралиев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (қисми умумӣ дар нақша) [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, М.Ш. Собиров, Н.А. Миралиев. – Душанбе матбааи ДМТ, 2021. − 154 с.

2) Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Ҷалолов А.Ғ., Собиров М.Ш. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар нақша (қисми пешбурди тосудӣ ва судӣ) [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, А.Ғ. Ҷалолов, М.Ш. Собиров. – Душанбе, ҶДММ «Нашри мубориз», 2022.− 239 с.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

3) Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ: мафҳум, моҳият ва субъектони баамалбарорандаи он [Матн] / М.Ш. Собиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2021. − №4 (24). – С. 208-217; ISSN 24149212

4) Собиров М.Ш. Роль презумпция невиновности в обеспечении правосудия [Текст] / М.Ш. Собиров // Законодательство. – 2022. − №2 (46). – С. 90-93; ISSN 2410-2903

5) Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш. Нақши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2023. − №4 (32). – С. 235-241; ISSN 24149217

6) Собиров М.Ш. Таърихи ташаккули принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. –2023, № 3 (43). – С. 57-62; ISSN 2307-5198

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашриёҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

7) Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш. Мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов, М.Ш. Собиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). − №1 (13). Душанбе. 2019 – С. 121-129.

8) Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи

ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи инсон). // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 128-132.

9) Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда аз нигоҳи устоди хирадманду оянданигор Неъмат Абдуллоев [Матн] / М.Ш. Собиров // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич) – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 232-235.

10) Собиров М.Ш. Назорати прокурорӣ оид ба таъмини принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 538-541.

11) Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ ва баъзе мушкилотҳои он дар самти ҳуқуқи инсон [Матн] / М.Ш. Собиров // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. –С. 232-238.

12) Собиров М.Ш. Асосҳои конститутсионӣ - ҳуқуқии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Ахбори суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№3-4), Душанбе, 2022. – С. 48-52.

13) Абдуллоев Н.А., Собиров М.Ш. Мулоҳизае чанд оид ба амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.А. Абдуллоев, М.Ш. Собиров // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10 - соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе, 16-уми ноябри соли 2020). Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 27-30.

14) Собиров М.Ш. Назорати прокурорӣ ва эҳтимолияти бегуноҳии шахс дар мурофиаи ҷиноятии муосир [Матн] / М.Ш. Собиров // Кодекси

мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10 - соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе, 16-уми ноябри соли 2020). Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 182-186.

15) Собиров М.Ш. Алоқамандии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бо принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (1-2-юми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С. – Душанбе: Аршан, 2023. – С. 280-285.

16) Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ ва ҷилваҳои адолати судӣ [Матн] / М.Ш. Собиров // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. –С. 388-393.

Мақолаҳое, ки аз ҷониби муаллиф вобаста ба мавзуъ ба нашр расидаанд, дар маҷмуъ ҳама самти таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро дар бар мегиранд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф овардашуда, ҳамчун аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот метавонанд барои такмили КМҶ ҶТ вобаста ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва дар ин замина аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта дар самти мазкур кумак расонанд. Ҳамчунин, бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқо́т, метавон ҳамаи онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои дахлдор ва инчунин раванди таълим мавриди истифода қарор дод.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шароити кунунӣ мубрам буда, барои амалияи тафтишотӣ ва судӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки чунин таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи

ҷиноятӣ дар муҳити илмӣ ватанӣ бори нахуст гузаронида шудааст. Дар рисола тартиби назариявӣ ва амалии риоя ва иҷроиши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ҳама даврахои мурофиаи ҷиноятӣ бо асоснокии нуктаҳои зарурӣ, ки дар самти мазкур муқаррар гардидааст, зикр шудаанд. Зимни таҳлилу омӯзиши мукаммали илмӣ як қатор мафҳумҳои нав ва тавсияву пешниҳодҳои судманд бахри такмили КМҶ ҶТ оид ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ аз ҷониби муаллиф ба миён гузошта шудааст. Масалан:

1) Эҳтимолияти бегуноҳӣ – принсипест, ки шахсро аз ҳар гуна айбдоркуниҳои ғайриқонунӣ нигоҳ дошта, ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳояш хидмат менамояд ва ба шахс тамоми шароиту имкониятҳоеро, ки қонун манъ накардааст, фароҳам меорад, то ки ӯ тавонад аз ҳар гуна маҳкумкунии беасос худро ҳимоя намояд. Яъне, ин принсип тавозунро миёни тарафи айбдоркунӣ ва ҳимоя баробар менамояд ва моҳияти корро пурра ва ҳамаҷониба муайян мекунад, ки ин метавонад минбаъд барои баровардани ҳукми одилонаи суд нақшгузор бошад.

2) Зимни таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур муайян карда шуд, ки масъалаи бегуноҳии шахс ҳанӯз аз замонҳои қадим дар тамаддуни форсу тоҷик ба таври васеъ истифода карда мешуд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии тоҷикон аз қабили Авасто, ки ҳанӯз дар ҳазораи II пеш аз мелод арзи ҳастӣ дошт, вожаи росткориву поквиҷдонӣ, ки дарбаргирандаи масоили бегуноҳии шахс низ буд, фаррох истифода мегардид. Ҳамчунин дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён ва якчанд сарчашмаҳои муътамади дигар низ ин масъала шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Яъне зимни таҳлили масъалаи мазкур муайян карда шуд, ки вожаҳои зикргардида то пайдоиши ҳуқуқи римӣ дар сарчашмаҳои тамаддуни форсу тоҷик истифода мешуд. Ҳуқуқи римиро мумкин аст, танҳо ҳамчун заминаи мустаҳкамнамоии минбаъдаи эҳтимолияти бегуҳоҳӣ эътироф намуд.

3) Мазмуни эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки гуё бавосита ба гунаҳгории шахс ишора менамояд, мувофиқи мақсад нест. Истилоҳи презумпсия (praesumptio) бо забони тоҷикӣ **«эҳтимолият»** ва ё **«фарзия»** тарҷума шудааст. Таҳлили мазмуни мантиқӣ, таъйиноти мурофиавиву иҷтимоӣ ва аҳаммияти амалии он, нишон медиҳад, ки шахси таҳти таъқиботи ҷиноятӣ қарордошта, бояд, ки чун инсони накурафтору бегуноҳ эътироф карда шавад, то замоне ки гунаҳгории ӯ бо ҳукми ба эътибори қонунӣ даромадаи суд исбот нашуда бошад.

4) Ба андешаи мо, шакли тадриҷан дурусттари истифодабарии истилоҳи **«эҳтимолият», «фарзия»** аст. Зеро, **«эҳтимолият»** маънои онро дорад, ки шахс ҳам бегуноҳ ва ҳам гунаҳгор аст. Ҳол он ки, принсипи мазкур то эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд шахсро бегуноҳ меҳисоб.

**«Фарзия»,** ин қоидаи маъмулест, ки бегуноҳ будани шахсро то замони муайянгардида, ҳатмӣ медонад.

Аз ин рӯ, истифодаи ибораи **«фарзия»** мувофиқи мақсад аст. Зеро, ин вожа то замоне, ки ҳукми суд ба қувваи қонунӣ надароянд, бегуноҳ будани шахсро воҷиб медонад.

5) Амали эҳтимолияти бегуноҳӣ бо як иштирокчии муайян, яъне гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда маҳдуд намегардад. Баръакс амали он дар баробари иштирокчиёни болозикр, ҳамчунин ба судшаванда низ татбиқ карда мешавад. Чунки, дар Конститутсияи ҶТ, КМҶ ҶТ ва якчанд санадҳои байналмилалӣ мафҳуми «ҳеҷ кас» ва ё «ҳар шахс» истифода шудааст, ки дарбаргирандаи ҳамаи субъектон мебошад.

6) Бинобар сабаби оне ки эҳтимолияти бегуноҳӣ ба ҳар шахси зери таъқиботи ҷиноятӣ қарордошта равона гардида, пурра ва ҳамаҷониба муқаррар намудани гуноҳи ӯро тақозо менамояд ва муҳимтарин маҳак маҳсуб меёбад, пешниҳод менамоем, ки мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ дар қ.1-и моддаи 15-и КМҶ ҶТ бояд дар чунин шакл инъикос карда шавад:

«Шахси таҳти таъқиботи ҷиноятӣ қарордошта бегуноҳ ҳисоб карда мешавад, то ба мавриде ки гунаҳгории ӯ бо ҳукми ба эътибори қонунӣ даромадаи суд муқаррар карда нашавад».

7) Бо дарназардошти қисми 1-и моддаи 15-и КМҶ ҶТ, месазад қисми 4-и он низ тағйир дода шавад. Тибқи ин қисм ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешавад. Яъне гумонбаршудаву судшаванда дида намешавад. Ҳарчанд, қисми 3-и моддаи мазкур истилоҳи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки бо як тағйирот ба моддаи 15-и КМҶ ҶТ, қисмҳои 1 ва 4-и он дар чунин шакл муқаррар карда шаванд:

– Шахси таҳти таъқиботи ҷиноятӣ қарордошта бегунох ҳисоб карда мешавад, то ба мавриде ки гунаҳгории ӯ бо ҳукми ба эътибори қонунӣ даромадаи суд муқаррар карда нашавад».

– Ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи онҳо маънидод карда мешаванд».

8) Боби 2-юми КМҶ ҶТ принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ номгузорӣ шудааст, ки мувофиқи мақсад нест. Зеро, қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ аз Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ фарқ дорад. Мафҳуми қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ васеъ буда, мазмуни он дар баробари КМҶ ҶТ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар аз қонун паст намеистанд, фаро мегирад.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки боби 2-юми КМҶ ҶТ, ки принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ном гирифтааст, ба принсипҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ иваз карда шавад.

9) Тавре аз моддаи 112-и КМҶ ҶТ маълум аст, муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс аз 2 моҳ оғоз гардида, то 18 моҳ дароз карда мешавад, ки ба андешаи муаллиф чандон қобили қабул нест. Зеро, нисбат ба шахсе, ки ҳанӯз гунаҳгории ӯ муайян карда нашудааст ва мумкин аст ӯ бегуноҳ дониста шавад, чӣ гуна метавон 18 моҳ дар ҳабс нигоҳ дошт? Зимни таҳлили Кодекси мурофиавии ҷиноятии баъзе давлатҳои узви ИДМ муайян карда шуд, ки ин муҳлат дар Қазоқистон ва Арманистон 12 моҳ аст. Дар Украина низ ин муҳлат то 12 моҳ муқаррар гардидаст. Дар Ҷумҳурии Озорбойҷон 9 моҳ ва дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад 7 моҳ пешбинӣ гардидааст. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҳамаи ин давлатҳо гуфта мешавад, ки минбаъд ба дароз намудани ин муҳлат иҷозат дода намешавад. Бинобар ин, бо мақсади риояи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ пешниҳод менамоем, ки қисми 4-и моддаи 112-и КМҶ ҶТ, ки муҳлатро зиёда аз 12 моҳ муқаррар кардааст, хориҷ карда шуда, меъёрҳои зарурии он ба қисми 3-и моддаи мазкур илова карда шавад. Яъне, муҳлати ниҳоии дар ҳабс нигоҳ доштан то 12 моҳ муқаррар карда шавад. Дар чунин сурат шахсони ваколатдор кори худро бештару зудтар ва босамар анҷом медиҳанд ва ба эҳтимолияти бегуноҳии шахс хатар камтар мешавад. Ҳамчунин, пешниҳоди мазкур барои сӯиистифода накардани шахсони дахлдор аз муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани шахс бисёр зарур аст. Сабаби дигари пешниҳоди мо дар он аст, ки агар шахс ҳарчӣ бештар дар ҳабс нигоҳ дошта шавад, ҳамон қадар моҳияти эҳтимолияти бегуноҳии ӯ аз байн меравад. Аз ин хотир, дар камтарин муҳлат баррасӣ намудани гуноҳи шахс қобили пазироиш аст.

10) Яке аз омилҳои муҳимми риояи эҳтимолияти бегуноҳӣ муносибати дуруст ва одилона намудан бо шахс ба ҳисоб меравад. Зимни таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ намудани КМҶ давлатҳои узви ИДМ муайян гардид, ки ба ғайр аз КМҶ Украина дигар дар ҳеҷ як давлате, вобаста ба тарзи муносибат бо шахс меъёри мушаххасе ҷой надорад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар қисми 6-и моддаи 15-и КМҶ ҶТ чунин меъёр илова карда шавад: «Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд уҳдадоранд, ки то эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд, нисбат ба шахс муносибати дуруст ва инсондӯстонаро ба роҳ монанд».

Ҳамин тариқ, зимни таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи меъёрҳои моддаи 15-и КМҶ ҶТ ва як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати такмили он зарур мешуморем, ки моддаи 15-и КМҶ ҶТ дар чунин шакл дар кодекс ҷойгузорӣ карда шавад:

– Шахси таҳти таъқиботи ҷиноятӣ қарордошта бегуноҳ ҳисоб карда мешавад, то ба мавриде ки гунаҳгории ӯ бо ҳукми ба эътибори қонунӣ даромадаи суд муқаррар карда нашавад.

– Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад;

– Гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда уҳдадор нестанд, ки бегуноҳии худро исбот намоянд;

– Ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи онҳо маънидод карда мешаванд;

– Ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок кардан мумкин нест;

– Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд ухдадоранд, ки то эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд, нисбат ба шахс муносибати дуруст ва инсондӯстонаро ба роҳ монанд.

11) Мақомоти таъқиби ҷиноятиро зарур аст, ки дар ҳама ҳолат аввалан бегуноҳии шахс ва сипас гунаҳгории ӯро ба инобат гиранд. Зеро, гумонбар будан ва ё айбдор намудани шахс, ҳанӯз гунаҳгории ӯ нест. Ҳамчунин, онҳо бояд воқиф бошанд, ки исбот нагардидани гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят баробари бегуноҳии ӯ аст.

12) Татбиқи санади авф ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба таври дахлдор мувофиқат намекунад. Татбиқи санади авф ин маънои онро дорад, ки шахс аллакай гунаҳгор аст. Яъне, шахс гунаҳгор асту давлат гуноҳи ӯро мебахшад. Ҳарчанд чунин нест. Амали мазкур ҷараёни амалҳои тафтишӣ, ибрози андешаи шахс оид ба эҳтимолияти бегуноҳии ӯ, то ба суд бурдани парвандаи ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳоро ба коми нобудӣ мекашад. Ҳамчунин, ин кирдор таъқиботи ҷиноятиро аз байн мебарад ва ниёз ба ҳифз ҳам намемонад. Бинобар ин, агар шахс дар чунин ҳолат изҳори норозигӣ намояд, мутобиқи қисми 3-и моддаи 27-и КМҶ ҶТ пешбурди парванда то баровардани ҳукм идома меёбад.

13) Дар асоси таҳлил ва мушоҳидаҳо маълум гардид, ки мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ амали аз додани нишондод саркашӣ намудани гумонбаршуда ва айбдоршавандаро дар баъзе марвидҳо далели гунаҳгории онҳо меҳисобанд, ки ба мазмуни принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мухолиф аст. Зеро, гумонбаршуда ва айбдоршаванда уҳдадор нестанд, ки нишондоди дуруст диҳанд ва ё бегуноҳии худро исбот намоянд. Эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун принсипи кафолатдиҳандаи бегуноҳии шахс дар бобати додани нишондоди дуруст, нодуруст ва ё саркашӣ намудан аз он коре надорад, балки тақозо менамояд, ки субъектони ҷараёни исботкунӣ гуноҳи шахсро новобаста ба нишондоди додаи ӯ ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот намоянд.

Бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки таклифу пешниҳодҳо ва хулосаҳои аз ҷониби муаллиф манзур намуда илман асосноканд ва метавонанд минбаъд барои рушду инкишоф бахшидани илми ватанӣ аз ҳар ҷониб судманд бошанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст, ки рисола кори илмии хотимаёфта ба ҳисоб рафта, мустақилона аз ҷониби

муаллиф навишта шудааст. Пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ, такмили қонунгузорӣ ва навгониҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд мумкин аст дар назария, амалияи тафтишотиву судӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо дарвоқеъ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ,

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи банди 31-35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар, аз ҷумла 2 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 5 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор»– 17 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №8 аз 14-уми марти соли 2024.

**Раисикунандаи ҷаласа: н.и.ҳ., дотсент** **Баҳриддинзода С.Э.**

**Котиби ҷаласа: мудири кабинети кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ** **Охунова Н.Ш.**

**Имзоҳои Баҳриддинзода С.Э. ва Охунова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**«14.» марти 2024 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj